# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_____________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 17.07.2026, №86**

Барои сазовор донистани Расулов Ҷовид Қурбонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ, дода мешавад.

Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ санаи 17 июли соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №109 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Расулов Ҷовид Қурбонович 13-уми январи соли 1992 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Расулов Ҷ.Қ. соли 2007 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба ихтисоси фаъолияти бонкӣ (мутахассис) дохил шуда соли 2012 донишгоҳи мазкурро хатм намудааст. Аз соли 2012 то соли 2015 дар Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти меҳнатиро оғоз намуд. Солҳои 2016-2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи молия ва қарзи факултаи иқтисодии Донишгоҳи славянии Руссия ва Тоҷикистон фаъолият намуда солҳои 2019-2021 дар вазифаи муовини декан оид ба таълими ҳамин факулта фаъолият намудааст. Аз сентябри соли 2021 то имрӯз дар вазифаи муаллими калони кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Аз соли 2013 то соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил карда, онро аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 20-ми апрели соли 2013, суратҷаласаи №5 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Умаров Хоҷамаҳмад** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, сарходими илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкории Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

- **Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини аввали вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Ахмедов Давлаталӣ Ҳайталиевич,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи омӯзиш ва мониторинги сармоягузорӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ш. Бохтар ба номи Носири Хусрав** дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии ш.Бохтар ба номи Н.Хусрав Шамсов Ҷ.И. таҳия гардида, дар ҷаласаи шурои олимони факултети иқтисодӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11, аз 24.06.2026), хулосаи мусбат додааст. Тақриз аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ш.Бохтар, д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. санаи 26.06.2026 сол тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ таҳқиқоти илмӣ-тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи муқаррарагардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон диссертатсия дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Расулов Ҷовид Қурбонович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ КОРҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М]. Расулов Дж.К. /Проблемы рационального использования земельных ресурсов в Республике Таджикистан. [Текст]// Ашуров И.С., Расулов Дж.К., Рахимов З., Паймон Джуразода, Куватов М.А. //Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава: серия гуманитарных и экономических наук. Том 2. 2017. № 1-4 (49). – С.269-275. ISSN 2309-6764.

[2-М]. Расулов Ҷ.Қ. Проблемаҳои истифодаи захираҳои энергия дар минтақаи Хатлон [Матн] // Расулов Ҷ.Қ., Раҳимов З.С., Куватов М.А. // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав. Том 2. – Бохтар. – 2018. - №1/4(57)- С.97-103. ISSN 2663-5534.

[3-М]. Расулов Дж.К. Особенности инновационной деятельности в сельском хозяйстве [Текст]/ Расулов Дж.К., Сафарова А.Дж., Баходурова К. //Вестник ТАУ имени Шириншо Шотемура, "Кишоварз". 2019. № 1 (81). – С.161-164. ISSN 2074-5435.

[4-М]. Расулов Ҷ.Қ. Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиии минтақа ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ [Матн] / Расулов Ҷ.Қ., Шералиев Э.Н.// Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ "Кишоварз". 2021 №4.- С.134-138. ISSN 2074-5435.

[5-М]. Расулов Дж.К. Уровень продовольственной безопасности в условиях устойчивого развития. [Текст]// Расулов Дж.К. //Вестник РТСУ. 2021. №3-4(75)- С.152-158. ISSN 2077-8325.

[6-М]. Расулов Ҷ.Қ. Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа. [Матн]// Умаров Х.У., Расулов Ҷ.Қ.//Маҷаллаи илмии

Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2023. №4/2 (50).- С.406-412. ISSN 2308-054X.

[7-М]. Расулов Ҷ.Қ. Танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақаҳо. [Матн]// Расулов Ҷ.Қ.// Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2025. №2 (73).- С.259-264. ISSN 2664-0651.

[8-М]. Расулов Дж.К. Оценка показателей обеспечения продовольственной безопасности в агропромышленных зонах Республики Таджикистан. [Текст]// Расулов Дж.К.// Теоретический и научно - практический журнал “Земледелец”. 2025. №2 (107).- С.317-322. ISSN 2074-5435.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[9-М]. Расулов Дж.К. Государственные функции регулирования механизмов привлечения инвестиций в энергетику и их реализация в Республики Таджикистан [Текст]/ Расулов Дж.К. Материалы республиканской научно–практической конференциии на тему: «Эффективность использования финансово-кредитных и установление оптимальных пропорций финансовых ресурсов для обеспечения ускоренного и эффективного развития экономики Республики Таджикистан» (04.05.2018). Душанбе, 2018. - С. 156-160.

[10-М]. Расулов, Ҷ.Қ. Танзими давлатии бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақа [Матн]/ Ҷ.Қ.Расулов, Ҷ.М. Бобоев // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Худидоракунии маҳаллӣ: дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои рушд дар ҶТ” (11-12.11.2022). – Душанбе: АИДНПҶТ, 2022. - С. 342-348.

[11-М]. Расулов Ҷ.Қ. Сармоягузорӣ ба рушди минтақаи Хатлон ҳамчун самти муҳимми таъмини бехатарии озуқаворӣ. [Матн] / Ҷ.Қ.Расулов, Ҷ.М. Бобоев // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (07.12.2023). – Душанбе: ДДМИТ. 2023. – С.103-106.

[12-М]. Расулов Ҷ.Қ. Таъмини бехатарии озуқаворӣ- самти муҳими сиёсати воридотивазкунандаи давлат [Матн] / Ҷ.Қ.Расулов, Э.Н. Шералиев, Ҷ.М. Бобоев// Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Татбиқи сиёсати мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ” (23.12.2023). - Душанбе: ДДМИТ, 2023. – С.67-71.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Абдуқодирӣ Х.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории ДИС Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд бо чунин эродҳо:**

1. Муайян менамуд, ки кадом омили асосии баландбардории самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мадҳи аввал дар хоҷагии деҳқонӣ ба роҳ монда шаванд.

2. Муаллиф мебоист ба чунин масъалаҳои назариявӣ ва методӣ, монанди бехатарии озуқаворӣ, танзими бозори озуқа – дар асоси алоқаи мантиқии байни танзими давлатии истеҳсол ва тақсимоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва озуқаворӣ ва худтанзимкунӣ бештар диққат медод.

**2. Сатторзода А.А. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмиллалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:**

1. Аз автореферат ба назар мерасад, ки агар муаллиф дар бахши назариявӣ ба хусусиятҳои минтақавии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ диққати бештар медод ва хусусиятҳоро дар шакли ягон расм тасвир менамуд, арзиши кори илмӣ боз ҳам меафзуд.

2. Хуб мешуд, ки агар муаллиф сатҳи худтаъминкунии озуқавории минтақаи мавриди таҳқиқро бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ қиёс ва натиҷагирӣ менамуд.

**3. Кабиров Н.Ш. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур бо чунин эродҳо:**

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар бахши назариявӣ ва таҳлили хусусиятҳои минтақавии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ бештар таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои иҷтимоӣ-демографӣ, аз ҷумла сатҳи зиндагии аҳолӣ равона мекард. Ин амал метавонист сифати кори мазкурро боз ҳам афзун гардонад.

2. Ҳамчунин, ба назари инҷониб, ҳангоми арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, масъалаҳои экологии арзёбии захираҳои замин аз назари муаллиф дур мондааст.

**4. Носирӣ Наврӯз - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии ш.Кулоб ба номи А.Рӯдакӣ чунин эродҳо:**

1. Аз маводи дар автореферат овардашуда маълум нест, ки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиии минтақавӣ аз рӯйи кадом принсипҳо бояд ба роҳ монда шаванд.

2. Ҳамчунин, аз маводи автореферат аниқ кардан мушкил аст, ки муаллиф кадом таҷрибаи кадом давлатҳоро барои самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиии минтақавӣ ба мақсади афзоиши сатҳи худтаъминкунии озуқавории минтақаи мавриди таҳқиқ қобили қабул мешуморад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии ш.Бохтар ба номи Н.Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асоснок пешниҳод шудааст, ки самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ, ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа равона мегардад ва самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, ки ба баланд бардоштани талаботи

рӯзафзуни аҳолии кишвар нигаронида шудааст, аз ин хотир, таъмини бехатарии иқтисодӣ дар маҷмуъ бе ҳалли масъалаи бехатарии озуқаворӣ ғайриимкон мебошад.

- ***таърифи муаллифии*** мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ» ҳамчун як унсури муҳими рушди иқтисодиёти минтақа ба мақсади бо маводи озуқаворӣи худӣ таъмин намудани аҳолии ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳидаи он дар пасманзари беҳсозии вазъи иҷтимоии зиндагии мардуми кишвар дар умум, пешниҳод шудааст.

- тавсеаи усулҳои баҳодиҳии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа бо назардошти муайянкунии қоидаҳо, ошкорсозии махсусиятҳо ва арзёбии омилҳои ба ТБО дар минтақаҳои ҷумҳурӣ таъсиррасон, иҷро шудааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқарраротӣ*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва алоқамандии он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо ва корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки вобаста ба натиҷаҳои таҳлили ҳолати воқеии минтақа сарватҳои табиии минтақа чун омили рушди иқтисодиёти Хатлон баррасӣ гардидаанд. Инчунин имкониятҳои рақобатпазирӣ ва иқтидори калони табиии он дар рушди ояндаи минтақа муайян гардида, вазъи истифодабарии иқтидори вилояти Хатлон ва маҷмуи омилҳое ки барои истифодаи самаранок мусоидат мекунанд ошкор гардидаанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:**

- ***ғояи*** таҳқиқот дар пояи муқарраротe асос ёфтааст, ки арзёбии кори механизмҳои экологӣ-иқтисодии аз нигоҳи истифодаи фоидаовари нерӯи захиравӣ-табиӣ дар манотиқи маъмурию ҳудудии баҳодиҳишуда дар заминаи аниқсозии самтҳои калидии ёрмандиҳои давлатӣ дар мавриди ТБО дар минтақаҳо.

***самтҳои*** ба сифати роҳҳои мукаммалгардонии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа тавсияҳои муаллифӣ, самтҳои асосии истифодабарии сарватҳои табиӣ ва истифодаи самараноки онҳо ва таъсири онҳо ба таъмини рушди босубот дар давлатҳои хориҷӣ ошкор гардидааст. Инчунин вариантҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои кишвар асоснок карда мешавад;

**омӯхта шудаанд:** 1) омӯзиши ҷанбаҳои илмиву назариявии иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ ғояҳои истифодаи самараноки иқтидори табиии кишвар имкон дод, ки консепсияи алоҳида оид ба истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ илман асоснокшуда таҳия ва пешниҳод шудааст; 2) имкониятҳои татбиқи таҷрибаи хориҷии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба таъмини ҳифзи муҳити зист ва самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақа.

-роҳҳои мукаммалнамоии танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва татбиқи механизмҳои самарабахши он доир ба вазъи иқтидори табиӣ арзёбӣ гардид, имкониятҳо ва самтҳои афзалиятнокии истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири экологӣ мушаххас ва тақвият бахшида шуданд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф татбиқи натиҷаҳои рисолаи илмӣ дар санади Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № 5/7-903 аз 16.01.2024, ҳамчунин ҳангоми тадриси фанҳои таълимӣ: "Иқтисодиёти КАС", "Иқтисоди миллӣ", "Иқтисодиёти аграрӣ"дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар санади татбиқ тахти №706/дс аз 4.12.2023 ба қайд гирифта шудааст.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ оид ба сифати роҳҳои мукаммалгардонии фаъолияти хоҷагидории минтақа дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, истифодаи усулҳои тактикию стратегӣ вобаста ба вазъи баамаломада, ягонагии воситаҳо ва амалҳо, иртиботи мутақобила бо усулҳои таҳлил, танзим, ва банақшагирӣ пешниҳод ва роҳҳои мукаммалнамоии танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа асоснок шудаанд.

- ***стратегияи*** мукаммалгардонии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ, бо таваҷҷуҳ ба ҷалби сармоягузорӣ ва дастгирии давлатӣ, диверсификатсияи сарчашмаҳо, гузаштан ба модели нави рушди иқтисодӣ дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва истифодаи васеъи имкониятҳои минтақа, ҷолибияти маблағгузорӣ, ва умуман ба тавсеъаи муносибатҳои истеҳсолӣ нигаронида шудааст.

- ***пешниҳод шудааст*** оид ба такмили заминаи ҳуқуқиву иқтисодӣ пешниҳод гардида, роҳҳои амалӣ намудани онҳо асоснок шудаанд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба назарияи истифодаи самараноки сарватҳои табиии минтақа, таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба бахши воқеъии минтақа, усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақа ***пешниҳод гардидааст,*** ки имконияти таъмини рушди устувор ва самараноки фаъолияти хоҷагии минтақаро фароҳам оварда, бевосита ба сатҳи рушди иқтисоди миллӣ дар оянда мусоидат хоҳад намуд.

- ***равиши илман*** вобаста ба натиҷаҳои таҳлили ҳолати воқеии устувории минтақа дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, алалхусус роҳҳои такмилдиҳӣ ва танзими давлатии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа пешниҳод карда мешавад, ки такмили заминаи зарурӣ, тақвияти рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа, таҳкими заминаи сармояи ватаниву хориҷиро фаро мегирад.

- ***усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, таҳлилӣ, монографӣ, баҳодиҳии экологӣ-иқтисодӣ, усули пешгӯӣ ва усули муқоисавии таҳлил истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи "Антиплагиат" сароҳатан сатҳи онро 87,04% ва 88,1% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) интихоб ва таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст; 2) Муаллиф дар васеътар намудани назарияи истифодабарии самараноки сарватҳои табиии минтақа бо пешниҳоди консепсияи муаллифӣ саҳми худро гузошта,

муносибати системавиро нисбат ба рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва инчунин дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва таҳияи механизмҳои мутобиқшавӣ, бо назардошти омилҳои таъсиррасон пешниҳод кардааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши иқтидори сарватҳои табиӣ дар рушди устувори иқтисодиёти минтақа муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 12 мақола, аз он ҷумла 8-адад мақолаи илмӣ дар нашриёҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ махсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1, 7, 9, 11, 13, 19 ва 24-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 17.07.2026 қарори сазовор донистани Расулов Ҷовид Қурбонович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 – Иқтисодиёти ҳудудӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар (2 нафар тариқи маҷозӣ) иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор –нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фаҷеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**17 июли соли 2026.**